**Тақризи**

**муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Муродов Ҷӯрабек Қурбоналиевич дар мавзӯи "Таҳлили фаъолияти илмӣ-адабии Меҳдӣ Ахавони Солис" барои дарёфти дарачаи илмии номзади илмҳои филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.03 – Адабиёти кишварҳои хориҷӣ (адабиёти форсӣ)**

Масъалаи омӯзиш ва накду баррасии аҳволу осори шоирони бузурге мисли Меҳдӣ Ахавони Солис, ки бо ҳунару истеъдоди натакрори худ дар қарни XX шеъри навро дар адабиёти умумифорсӣ рушд доданд, аз ҷумлаи мавзӯъҳои муҳим ва мубрами эроншиносӣ накду адабиётшиносии муосир мебошад. Меҳдӣ Ахавони Солис аз ҷумлаи шоирони тавоноест, ки баъд аз Нимо Юшиҷ масири пешгомони навҷӯиҳоро дар адабиёти форсӣ идома дода, дар ин замина ашъори мондагореро офарид, ки баъдан, дар ҳавзаҳои дигаре шеъру адаби форсӣ қобили пазириш ва пайравӣ қарор гирифт. Вай ҳанӯз дар оғози масири эҷодиаш бо нашри шеъри "Зимистон" ва баъдан, бо намунаҳои дигари ашъори навҷараёнаш аз зуҳури як суханвари тавоно ва навовар дар адабиёти муосири форсӣ дарак дод, баъдан дар рушди шеъри нав ҳам аз нигоҳи назарӣ ва ҳам аз нигоҳи амалӣ хизмати шоиста намуд. Дар канори ин шоир ба таҳқиқи аҳволу осори шоирони гузашта, аз қабили Абдулқосим Фирдавсӣ, Ҳофизи Шерозӣ, Низомӣ, Умари Хайём ва дигарон машғул шуда, пайванди ногусастанӣ доштани шеъри имрӯз ва дирӯзи форсиро сабт намуд.

Фаъолияти серҷабҳа доштани шоир ва аз назари муҳаққиқон дур мондани бархе аз самтҳои фаъолияти адабию эҷодии шоир низ муҳимияти мавзӯи рисола мавриди назарро таъйид мекунад. Махсусан, омӯзиши маҷмӯи афкори адабиётшиносию сухансанҷии Меҳдӣ Ахавони Солис барои боз ҳам моҳияти адабию эстетикии равандҳои нав дар шеъри форсии садаи XX муҳим мебошад.

Диссертант дар муқаддимаи диссертатсия бо ишораи мухтасар ба заминаҳои зуҳур ва омилҳои адабию иҷтимоии инкишофи шеъри нав дар Эрон таваҷҷуҳи аҳли таҳқиқ ва алоқамандони адабиёти муосири форсиро бо эҷодиёт ва корномаи адабӣ ва илмию пажуҳишии Меҳдӣ Ахавони Солис ҷалб менамояд. Баъдан, асосҳои методологӣ таҳқиқи мавзӯъ, аҳамияти назарӣ ва амалии омӯзиши аҳволу осори шоирро зикр менамояд. Таъкид мешавад, ки ҳадафи рисола таҳқиқи масири зиндагӣ ва муҳимтарин шохисҳои эҷодиёти Меҳдӣ Ахавони Солис мебошад.

Бояд гуфт, ки таҳқиқи мавзӯи мазкур аз чанд ҷиҳат муҳим ва қобили мулоҳиза мебошад. Аввалан бояд зикр кард, ки ба истиснои фаъолияти шоирӣ, самтҳои дигар ҷӯсторҳои адабию эҷодии шоир аз

назари муҳаққиқон дур мондааст. Аз тарафи дигар, аҳволу осор ва ашъори Меҳдӣ Ахавони Солис ба таври лозимӣ ба хонандаи тоҷик муаррифӣ нагардида буд. Ба ҳамин хотир, муаллифи рисола кӯшиш ба харҷ додааст, ки ашъори шеърро аз нигоҳи сохтори бадеӣ, дарунмояҳои шеърӣ, ҷанбаҳои ҳунарӣ ва поэтикӣ баррасӣ намуда, мақом ва ҷойгоҳи ӯро дар адабиёти муосири форсӣ ва умуман, дар қаламрави шеъру адаби форсии имрӯз нишон диҳад. Дар канори ин, муҳаққиқ кӯшидааст, ки саҳми шиорро дар рушди накду сухансанҷии муосири Эрон ба таҳқиқ гирад. Воқеан, назари Меҳдӣ Ахавони Солис ба ҳайси як шоири навгаро, дар шинохти илми равандҳои инкишофи шеъри нав дар қаламрави забони форсии имрӯз аз ҳар ҷиҳат муҳим мебошад. Махсусан, китобҳо ва мақолоти шоир роҷеъ ба навҷӯиҳои Нимо Юшиҷ дар шеъри муосири форсӣ, шинохти ҷанбаҳои назарӣ ва адабию эстетикии шеъри нав аз ҳар ҷиҳат муҳим мебошад.

Ба таври куллӣ, диссертатсияи Муродов Ҷӯрабек Қурбоналиевич аз муқаддима, ду боб, фаслҳои алоҳида, хулоса ва китобнамаи муфассал иборат аст. Боби аввали диссертатсия ба зиндагинома ва эҷодиёти шоир ихтисос дода шудааст, ки он аз чаҳор зерфасл иборат мебошад. Дар зерфасли аввали боби мазкур, муҳаққиқ дар заминаи омӯзиши маводи фаровони тарҷумаҳои мусоҳибаҳо ва нигоштаҳои худи шоир зиндагиномаи ӯро дар шакли муназзам барассӣ месозад. Ҷолиб он аст, ки муҳаққиқ зиндагиномаи Меҳдӣ Ахавони Солисро дар партави муҳимтарин ҳодисаҳо ва равандҳои сиёсию иҷтимоӣ ва фарҳангии замони зиндагии шоир баррасӣ менамояд. Муродов Ҷӯрабек зимни баррасии баъзе аз лаҳзаҳои ҳасби ҳамин китоби “Аз ин Авесто” ва манзумаи “шикор” ҳолати рӯҳию равонии шоирро дар аҳди шикасти неҳзатҳои миллӣ дар Эрон нишон медиҳад, ки ин ҳам барои дарки амиқи моҳияти ашъори шоир аз аҳамият холӣ нест.

Мероси адабии шоир ба таври куллӣ, дар зерфасли дуюми боби аввали диссертатсия мавриди баҳс қарор мегирад. Муҳаққиқ зимни баррасии ҷанбаҳои мазмунӣ, ғоявӣ, мавзӯӣ ва ҳунарию бадеии ашъори шоир як қатор андешаҳои қобили мулоҳизаро баён мекунад. Вай таъкид менамояд, ки ашъори Меҳдӣ Ахавони Солис дар баробари навҷӯйҳо ва қолабшиканиҳои шаклию поэтикӣ, дорои вижагиҳои мазмунӣ ва ғоявӣ мебошад, ки онҳоро ҳангоми таҳқиқи ашъори шоир наметавон сарфи назар намуд. Ин андеша зимни баррасии китобҳои “Арғунун”, “Охири Шоҳнома”, “Зимистон” ва ғайра ба таври муфассал дар рисола баррасӣ мешавад.

Бояд зикр кард, ки тафаккури шоирии Меҳдӣ Ахавони Солис, мисли дигар намояндагони шеъри нав дорои ҷанбаҳои хоси ҳаммосӣ

мебошад, ки онро метавон ҳам дар ашъори ҷудогона ва ҳам дар манзумаҳои ин адибон ба мушоҳида гирифт. Ин нукта дар мавриди вижагиҳои адабӣ ва ҳунарии шеъри нав аз тарафи аксари муҳаққиқон таъкид гардидааст. Аз ин рӯ, муҳаққиқ бозтоби тафаккури ҳаммосиро ҳамчун вижагии хоси шеъри нав баррасӣ менамояд, ки ин дар шинохти воқеии ашъори Меҳдӣ Ахавони Солис ҳам аз аҳамият холӣ нест. Дар диссертатсия раванди ташаккули сабки сухани Меҳдӣ Ахавони Солис ва хоса, маҷрои шаклгирии ҷанбаҳои ҳаммосӣ дар шеъри ӯ зимни баррасии маҷмӯаҳои “Зимистон”, “Охири Шоҳнома” ва ғайра нишон дода мешавад, ки он дар шинохти воқеии ҳунару истеъдод ва сабки сухани шоир муҳим мебошад. Ва дуруст таъкид мешавад, ки нашри ҳар як маҷмӯаи ашъор дар масири шоирии Меҳдӣ Ахавони Солис як гардиш муҳим, як марҳилаи такомули ҳунари шоирии ӯст.

Бояд гуфт, ки шеъри Меҳдӣ Ахавони Солис ҳамеша дар маркази таваҷҷуҳи муҳаққиқони адабиёти муосири форсӣ қарор дорад ва то имрӯз дар заминаи ҷустуҷӯҳо, навпардозиҳо ва қолабшиканиҳои ӯ мунаққидон ва муҳаққиқони ашъораш баҳсу баррасиҳои ҷолиброанҷом медиҳанд. Ин масъаларо ба таври алоҳида Муродов Ҷӯрабек дар фасли сеюми боби якуми диссертатсия мавриди таҳқиқ қарор додааст. Таъкид мешавад, ки ашъори Меҳдӣ Ахавони Солис аз оғози масири эҷодиаш мавриди таваҷҷуҳи аҳли таҳқиқ ва накди адабӣ қарор гирифта, дар ин заминаи донишмандони маъруфе мисли Муҳаммади Ҳуқуқӣ, Тақии Пурномдориёни Юсуфӣ, Шафеии Кадканӣ, Қайсари Аминпур ва дигарон изҳори назар намудааст. Муаллифи диссертатсия таълифоти донишмандони мазкурро ба ду бахш тақсим карда, баррасӣ менамояд. Дар қисмати аввал таваҷҷуҳи муҳаққикро навиштаҳои шоирон ба худ ҷалб менамояд. Таъкид мешавад, ки дар мавриди шеъри Меҳдӣ Ахавони Солис шоирони муосираш Нодири Нодирпур, Фурӯғи Фаррухзод, Симини Беҳбаҳонӣ ва дигарон андешаҳои арзишманд баён намудаанд. Дар бахши дуюми диссертант, муҳаққиқ таълифоти муҳаққиқони шеъри муосири форсӣ перомуни ашъори Меҳдӣ Ахавони Солисро мавриди таҳлил қарор медиҳад. Таъкид менамояд, ки дар адабиётшиносии имрӯзаи Эрон дар бораи шеъри Меҳдӣ Ахавони Солис накдҳои ҷолиб арзишманд ва ҷомеъи зиёде ба нашр расидаанд. Аз ҷумла, Тоқии Пурномдориён ашъори Солисро бо шеъри устодаш Нимо Юшиҷ қиёсан, ба таҳқиқ гирифта, муҳимтарин тафовутҳои сабки сухани шоирро нишон медиҳад. Донишманди дигари эронӣ, Сируси Парҳам бошад, шеъри Солисро аз шеъри Нимо пурсодотару иҷтимотар мешуморад. Таъкид менамояд, ки дар шеъри Меҳдӣ Ахавони Солис аз забони зиндаи халқ бештар судҷӯӣ мешавад, ки ин яке аз вижагиҳои муҳими сабки сухани шоир аст. Шофеии

Кадканӣ бошад дар китоби маъруфи худ “Мусиқии шеъ” таваҷҷуҳи аҳли таҳқиқро ба вижагиҳои вазн ва қофияи ашъори Меҳдӣ Ахавони Солис ҷалб месозад, ки қобили андешаҳо дар диссертатсия ба таври қиёсӣ баррасӣ ва дастабандӣ шудааст, ки он арзиши илмӣ ва таҳқиқии диссертатсияро меафзоад.

Афкори илмӣ, назарӣ ва адабиётшиносии Меҳдӣ Ахавони Солис дар боби дуюми рисолаи Муродов Ҷӯрабек мавриди таҳқиқ қарор мегирад. Дар ин бахш афкору андешаҳои сухансанҷии шоир ба панҷ гурӯҳ дастабандӣ шуда, онҳо ба таври мушаххас дар панҷ фасли боби мазкур мавриди таҳлил қарор гирифтаанд.

Дар фасли аввали ин боб диду назарҳои муҳаққиқони Меҳдӣ Ахавони Солис перомуни шеъри Нимо Юшиҷ ва ашъори нимоӣ матраҳ мегардад. Таъкид мешавад, ки зуҳури Нимо ва ашъори нимоӣ дар шеъри муосири форсӣ як амри табиӣ ва қонунманди рушди адабиёти ин давра буда, барои инкишофи минбаъдаи шеъри ҷадид такони ҷиддӣ бахшид. Дар мақолаҳо ва китобҳои Меҳдӣ Ахавони Солис заминаҳои назарӣ ва адабию эстетикии ин падидаи нодири шеъри форсӣ ба таври муфассал ва фарогир ба таҳқиқ омодааст.

Бояд таъкид кард, ки худи Меҳдӣ Ахавони Солис дар ин масир аз ҷумлаи пайравон ва идомадиҳандагони суннатҳои адабии нимоӣ буд. Ин ҷиҳати эҷодиёти шоир дар фасли дуюми боби дуюми диссертатсия, ки “Меҳдӣ Ахавони Солис ва масъалаи ҳимоят аз сабки Нимо Юшиҷ” унвон дорад, мавриди баҳс қарор мегирад.

Дар рисола китобҳои дар заминаи таҳқиқи шеъри нимоӣ ва шебу фарозҳои он таълифнамудаи шоир “Бидъатҳо ва бадаеъ”-и Нимо Юшиҷ, “Ато ва лиқо” Нимо Юшиҷ”, “Нақиза ва нақизасозон” ба таври муфассал мавриди баҳс қарор мегирад. Таъкид мешавад, ки Меҳдӣ Ахавони Солис хидматҳо ва талошҳои адабию эҷодии Нимо Юшиҷро дар навсозӣ ва рушди шеъри нави форсӣ ба таври воқеъбинона нақду баррасӣ намуда, моҳияти ҷустуҷӯҳои навгароёни Нимо ва ҳамсафону пайравони ӯро нишон медиҳад.

Яке аз китобҳои Меҳдӣ Ахавони Солис, ки дар диссертатсия бештар ба ин таваҷҷуҳ шудааст, ин “Нақиза ва нақизасозон” мебошад. Зимни баррасии китоб дар зерфасли сеюми рисола диссертант ба хулосае мерасад, ки суннати нақизанигорӣ дар шеъри нави форсӣ идомаи қонунманди ин навъи қадимаи шеъри форсӣ дар аҳди ҷадид аст. Суханвароне, мисли Яғмо Чандақӣ, Содиқи Ҳидоят, Алиакбари Деххудо, Содиқи Чӯбак ва дигарон ба воситаи ин навъи шеърӣ таваҷҷуҳи мардумро ба мушкилоти иҷтимоӣ сиёсӣ ва ахлоқию маънавии ҷомеа ҷалб менамуданд.

Бояд гуфт, ки яке аз масъалаҳои муҳими рисола ин муносибати Меҳдӣ Ахавони Солис ба шеъри нав ва қаробату иртиботи адабию эҷодии ӯ ба пайравони ин неҳзати адабӣ мебошад. Ин масъалаҳо дар зерфаслҳои чорум ва панҷуми рисолаи Муродов Ҷӯрабек мавриди андеша қарор мегирад.

Бояд гуфт, ки Меҳдӣ Ахавони Солис аз ибтидо ба равандҳои шеъри нави Эрон таваҷҷуҳи хоса доштааст, ки доим ин мақолот ва накду тақризҳои зиёди ӯ ба ашъори шоирони пайрави Нимо Юшиҷ аст.

Диссертант дуруст таъкид таъкид менамояд, ки Меҳдӣ Ахавони Солис тавассути ин қабил таълифоташ на танҳо Нимо ва корнамои адабии ӯро ба доираи васеи алоқамандони шеъри нав муаррифӣ намуд, балки дар бисёр мавридаз роҳу равиши адабӣ ва навпардозию қолабшиканҳои ин шоири навовар ҳимоят ва пуштибонӣ намуд. Вай собит намуд, ки шеъри нимоӣ дар масири имрӯзаи адабиёти форсӣ як амри воқеӣ ва қонунманд аст. Навҷӯиҳои шоир дар зоҳир ва ботини шеър ба суннатҳои қадимаи шеъри форсӣ алоқаву пайванди ногустатанӣ дорад. Нимо аз фазову суннатҳои адабии гузашта ба таври эҷодкорона ва диди тозаю муосир коргирӣ менамояд. Шоир ба мабнои ашъори Нимо ба хулосае мерасад, ки ҳарчанд вазну қофия ва обзорҳои оливу муҳими шеъранд, вале офарандаи шеър набояд пойбанди аркони арӯзӣ бошанд, балки мавзӯи шеър, рӯҳи он, иқтизову ниёзи табиии шеър вазни матлубро ба бор биёрад. Вай таъкид менамояд, ки дар шеър маҳаки асосӣ ё меъёр на байт, балки тамоми аҷзои шеър бояд бошад ва ҷараёну оҳанги табии калом ҳифз шавад.

Диссертант зикр менамояд, ки адабиёти ҳар давру замон дар асоси суннатҳои адабии пешина рушду инкишоф меёбад. Ҳар шоире ки ба офариниши шеър даст мезанад, бахше аз умри худро сарфи омӯзиши адабиёти гузашта ва анъанаҳои милии адабӣ месозад, ки аз ин саф Меҳдӣ Ахавони Солис истисно нест. Далели ин гуфтаҳо таълифоти пажуҳишии худи шоир перомуни ашъори Низомӣ ва Фирдавсӣ мебошад.

Ба таври куллӣ, дар рисолаи Муродов Ҷӯрабек ҳаёт ва эҷодиёти Меҳдӣ Ахавони Солис ба таври маҷмӯи мавриди таҳқиқ қарор мегирад. Муҳаққиқ зимни баррасии ашъор ва осори илмию назарии Меҳдӣ Ахавони Солис чеҳраи адабӣ ва ҳунарии ӯро ба таври илмӣ нишон медиҳад, ки ин муҳимтарин натиҷаи таҳқиқоти муҳаққиқ аст.

Натиҷагириҳои ӯ дар хулосаи рисола ба таври мушаххас дар чанд банди алоҳида оварда шудаанд, ки онҳо бозгӯкунандаи моҳияти таҳқиқоти Муродов Ҷӯрабек аст.

Бояд гуфт, ки бо вуҷуди дастовардҳои илмӣ ва пажӯҳишии зикргардида, дар рисола баъзе камбудиҳо низ ба назар мерасад:

1. Дар муқаддимаи рисола дар бахши аҳамияти мавзӯъ тавзеҳи анҷумани якуми адибони Эрон ва паёмадҳои он нолозим ва ноҷост.

2. Дар зербоби сеюми боби якум бештар назари мунаққидони шеърӣ Меҳдӣ Ахавони Солис шарҳу тавзеҳ дода мешавад, вале назари муҳаққиқ ба ин нақдҳо норавшан мемонад.

3. Ҳам дар боби якум ва ҳам дар боби дуюми рисола аз таълифоти эроншиносони тоҷик дар мавриди шеъри нав камтар ёд мешавад.

4. Дар боби дуюми рисола, хоса дар зерфасли дуюми иртиботи адабию эҷодии Меҳдӣ Ахавони Солис бо Нимо Юшиҷ хеле мухтасар тавзеҳ мешавад.

5. Дар матни рисола ва фишурдаи он иштибоҳоти имлоӣ, навишти гуногуни номҳо (Юшидз-Юшиҷ) ва хатоҳои дигари навишторӣ ба назар мерасад, ки онҳоро бояд ислоҳ кард.

Камбудиҳои мазкур ҷузъӣ ва ислоҳшаванда буда, онҳо ба ҳеҷ ваҷҳ арзиши илмии таҳқиқоти мазкурро кам намесозанд.

Диссертатсияи Муродов Ҷӯрабек Қурбоналиевич таҳқиқоти комил ва анҷомрасида буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология мебошад.

**Муқаррizi расмӣ, доктори илмҳои филологӣ,**
**профессор, мудири кафедраи назария ва таърихи**
**адабиёти факултети филологияи**
**Донишгоҳи давлатии омӯзгории**
**Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ:** **Солеҳов Шамсиддин**

**Имзои Ш.А. Солеҳовро тасдиқ мекунам:**
**Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси**
**Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба**
**номи Садриддин Айнӣ:** **Назаров Давлатхон**

**Суроғаи электронӣ:**
**E-mail: soleh59@mail.ru**
**Тел.: +992 (37) 221-03-89; 987-65-00-43**

10.03.2021